Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА- 004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 - Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ).**

***Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.*** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ): 1.1. Сохтор ва қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; иқтисодиёти захираҳо (бозори сармоя, меҳнат ва молия); қонуниятҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёти ҷаҳон ва таъсири он ба фаъолияти низомҳои иқтисодии миллӣ-давлатӣ; 1.2. Назарияи микроиқтисод: назрияи ташкили бозорҳо; назарияи иқтисодиёти некуаҳволӣ; ҳамбастагии некуаҳволии шахсӣ ва ҷамъиятӣ: 1.3. Назарияи макроиқтисод: назарияи инкишофи иқтисодӣ: 1.4. Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ; назарияи иқтисодиёти гузаранда ва дигаргуншавии (трансформатсия) системаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; инкишофи ниҳодҳои механизми хоҷагидорӣ дар ҷомеаи баъдисаноатӣ, мувофиқат менамояд.

***Аҳаммияти мавзуъ.*** Мубрамияти мавзуи диссертатсияи Одинзода Комрон Саидаброр бо он муайян карда мешавад, ки бозори меҳнат яке аз унсурҳои асосии низоми иқтисодии ҳар як давлат ба шумор меравад ва дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон он бо омилҳои сершумори дохилӣ ва берунӣ, аз ҷумла бо раванди муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ зич алоқаманд мебошад. Имрӯзҳо муҳоҷирати меҳнатӣ ба як падидаи иҷтимоию иқтисодие табдил ёфтааст, ки на танҳо ба ҳаёти иқтисодии кишвар таъсири мустақим мерасонад, балки паёмадҳои иҷтимоӣ, демографӣ ва фарҳангӣ низ ба бор меорад.

Гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ зарурати навсозӣ ва такмил додани тамоми механизмҳои танзими

муносибатҳои иқтисодиро ба миён овард. Дар ин миён, танзими давлатии бозори меҳнат натанҳо ба масъалаи шуғл, бекорӣ ва таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ дахл дорад, балки бо сиёсати муҳоҷират, сиёсати иҷтимоӣ ва сатҳи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ пайванди мустақим дорад. Ҳамин аст, ки бозори меҳнат ба як бахши калидии сиёсати иқтисодии давлатӣ табдил ёфтааст.

Актуалии мавзуъ пеш аз ҳама бо он асоснок мегардад, ки тайи солҳои охир Ҷумҳурӣ бо сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатӣ рӯбару аст. Аз як тараф, ин раванд барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва афзоиши ҳаҷми воридоти асъори хориҷӣ аҳаммияти мусбат дорад, аммо аз ҷониби дигар, боиси аз даст рафтани захираҳои меҳнатии соҳибихтисос, зиёдшавии вобастагии иқтисоди миллӣ аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирон ва шиддат гирифтани тавозуни манфӣ дар бозори меҳнат мегардад. Бинобар ин, зарурати таҳқиқи илмӣ ва пешниҳод намудани роҳҳои муассири такмили танзими давлатии бозори меҳнат имрӯз хусусияти ҳаётан муҳим гирифтааст.

Илова бар ин, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ талаб мекунанд, ки бозори меҳнат дар кишварҳои рушдёбанда низ ба қоидаҳо ва талаботи нав мутобиқ гардад. Ин тағйирот боиси пайдошавии шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ, тағйир дар сохтори шуғл ва эҳтиёҷи бозсозии институти танзими давлатӣ мешаванд. Дар чунин шароит таҳқиқи илмӣ оид ба таъсири муҳоҷират ба бозори меҳнат, тавозуни арза ва тақозо барои қувваи корӣ, зарурати расмӣ гардонидани бозори ғайрирасмии меҳнат ва татбиқи моделҳои муассири идоракунӣ аҳамияти хос пайдо мекунад.

Дигар далели мубрамияти мавзуъ дар он ифода меёбад, ки ҳадафҳои стратегӣ ва барномаҳои миллӣ, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инчунин барномаҳои миёнамуҳлати рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва Стратегияи миллии танзими муҳоҷират то соли 2040, ба масъалаҳои шуғли пурмаҳсул ва идоракунии муҳоҷират диққати махсус медиҳанд. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур бо самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва талаботи воқеии рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар ҳамоҳанг аст.

Дар заминаи боло, мавзуи диссертатсия натанҳо дорои аҳаммияти назариявӣ, балки бо аҳаммияти амалӣ низ фарқ мекунад. Пешниҳод ва тавсияҳои муаллиф метавонанд дар такмили сиёсати давлатӣ оид ба шуғл ва муҳоҷират, баланд бардоштани сифати идоракунии бозори меҳнат, инчунин дар таҳияи барномаҳои соҳавию минтақавӣ татбиқ карда шаванд. Ҳамин тариқ, зарурати омӯзиши амиқ ва таҳлили илмии масъалаи танзими давлатии

бозори меҳнат дар робита ба равандҳои муҳоҷират дар Тоҷикистон бевосита аз ниёзҳои ҷомеа ва иктисоди миллӣ бармеояд.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.***

Эътимоднокии натиҷаҳои илмии бадастомада дар диссертатсия пеш аз ҳама ба асосҳои назариявию методологии мустаҳкам такя мекунад. Муаллиф дар раванди таҳқиқот ба мероси классикони илми иктисодӣ (А. Смит, Д. Рикардо, К. Маркс, Ҷ. Кейнс, А. Маршалл ва дигарон), инчунин ба таҳқиқоти муосири олимони ватанӣ ва хориҷӣ такя намудааст, ки имкон додааст масъалаҳои танзими бозори меҳнат ва муҳоҷират аз дидгоҳҳои гуногуни илмӣ таҳлил карда шаванд. Истифодаи усулҳои таҳлилӣ, аз ҷумла таҳлили таърихӣ ва мантиқӣ, муқоисавӣ, моделсозӣ, усулҳои оморӣ ва иктисодӣ-оморӣ, таҳлили система ва абстраксияи илмӣ ба ҳалли масъалаҳо ва асоснокии натиҷаҳо саҳми муҳим гузоштаанд.

Пойгоҳи иттилоотии тадқиқот низ хеле фарогир мебошад. Дар кори диссертатсионӣ маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, инчунин дигар вазорату идораҳо истифода гардидаанд. Ба ғайр аз ин, муаллиф маълумоти саҳроӣ ва мушоҳидаҳои шахсиро низ ба кор бурда, бо усули мустақим вазъи бозори меҳнатро таҳлил кардааст. Ин омезиши маълумоти оморӣ ва таҷрибаи амалӣ ба дақиқӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо асос гузоштааст.

Муҳимтарин далели эътимоднокӣ дар он ифода меёбад, ки қисми муҳимми натиҷаҳои тадқиқот дар амал татбиқ шудаанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф дар фаъолияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Хадамоти муҳоҷират, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, инчунин Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки инро санадҳои татбиқ тасдиқ менамоянд. Илова бар ин, натиҷаҳо дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон амалӣ гардидаанд.

Ҳамчунин, эътимоднокии натиҷаҳо бо он исбот мегардад, ки муаллиф бештар аз 51 мақолаи илмӣ ва 3 монография нашр намудааст, ки қисми зиёди онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионӣ тавсияшуда чоп шудаанд. Иштироки фаъоли муаллиф дар конфронсҳои миллӣ ва байналмилалӣ ва муҳокимаи густурдаи натиҷаҳои таҳқиқот бо ҷомеаи илмӣ низ нишони эътимоднокии баланди онҳо мебошад.

Дар маҷмуъ, истифодаи заминаи муътамади назариявию методологӣ, такя ба пойгоҳи иттилоотии фарогир, татбиқи натиҷаҳо дар амалия ва

эътирофи онҳо дар муҳити илмӣ эътимоднокии баланди натиҷаҳои диссертатсияро таъмин намудааст.

Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсия дорои дараҷаи баланди навоварӣ мебошанд. Муаллиф бо таҳқиқи амиқи назария ва таҷрибаи амалӣ тавонистааст, ки як қатор масоили муҳими илмиро бори аввал барои шароити иқтисодиёти миллии Тоҷикистон асоснок намояд. Навоварии илмӣ дар зерин ифода меёбад:

1. Мафҳуми муосири танзими давлатии бозори меҳнат.

Муаллиф таърифи мукаммал ва муосири «танзими давлатии бозори меҳнат»-ро пешниҳод намудааст, ки онро ҳамчун низоми институтсионалӣ ва иқтисодӣ шарҳ медиҳад. Ин мафҳум бо назардошти истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва таъсири равандҳои муҳоҷират асоснок гардида, мақсади он таъмини рушди устувор, баланд бардоштани сатҳи шуғл ва некуаҳволии аҳолӣ мебошад.

2. Модели мутобиқати таҷрибаи хориҷӣ ва шароити миллӣ.

Бо такя ба омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта, модели мутобиқсозии усулҳои идоракунии бозори меҳнат ба шароити Тоҷикистон таҳия шудааст. Муаллиф нишон додааст, ки кадом унсурҳои модели аврупоӣ, осиёӣ ва англосаксонӣ метавонанд барои Тоҷикистон истифода шаванд ва чӣ тавр онҳоро ба хусусиятҳои миллӣ мутобиқ кардан лозим аст.

3. Арзёбии институтсионалии бозори меҳнат.

Муаллиф аввалин шуда вазъи муосири бозори меҳнатро аз дидгоҳи институтсионалӣ таҳлил кардааст. Дар натиҷа зиддиятҳо ва номувофиқатҳое ошкор гардидаанд, ки рушди шуғли самаранокро маҳдуд месозанд. Дар асоси ин таҳлил, тадбирҳои мушаххаси ислоҳотӣ барои такмили сиёсати шуғл пешниҳод шудаанд.

4. Таҳлили динамикаи арза ва тақозо.

Муаллиф сабабҳои номувофиқати назарраси байни арзаи қувваи корӣ ва тақозо ба онро нишон дода, ба хулоса омадааст, ки зиёдии захираҳои меҳнатӣ боиси фишор ба бозор ва коҳиши сатҳи музди меҳнат мегардад. Дар ҳамин замина зарурати ташкили ҷойҳои нави корӣ дар бахшҳои афзалиятнок асоснок шудааст.

5. Механизмҳои расмӣ гардонидани бозори ғайрирасмӣ.

Яке аз навгониҳои муҳими илмӣ таҳияи равишҳои нарм ва сахт барои расмӣ гардонидани шуғли ғайрирасмӣ мебошад. Муаллиф нишон додааст, ки чунин тадбирҳо метавонанд сатҳи номувофиқатиро дар бозори меҳнат коҳиш дода, имкониятҳои шуғли фарогирро васеъ кунанд.

6. Муайян намудани тамоюлҳои муҳоҷират ва механизмҳои иқтисодӣ.

Муаллиф тамоюлҳои асосии муҳоҷиратро дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар таҳлил карда, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии муҳоҷиратро пешниҳод намудааст. Ба онҳо такмили ихтисос ва касбияти муҳоҷирон, инчунин баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои давлатӣ дохил мешаванд.

7. Асоснок намудани таъсири ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ.

Дар диссертатсия барои аввалин бор нақши рақамикунонӣ ҳамчун омили нав дар танзими бозори меҳнат асоснок шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки рақамикунонӣ метавонад шаклҳои нави фаъолияти меҳнатиро ба вуҷуд оварад, ки онҳо низ ба танзими давлатӣ эҳтиёҷ доранд.

8. Такмили идоракунии муҳоҷират.

Бо дарназардошти паёмадҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, муаллиф роҳҳои муассири баланд бардоштани самаранокии идоракунии муҳоҷиратро пешниҳод намудааст. Пешниҳодҳо ба баланд бардоштани сифати ҳаёти муҳоҷирон, кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини музди кори арзанда равона шудаанд.

9. Модели ягонаи таъмини ҳолати мувозинатӣ дар бозори меҳнат.

Навоварии муҳими дигар таҳияи модели ягона мебошад, ки муносибатҳои бозори меҳнат ва бозори таҳсилотро ҳамоҳанг месозад. Модел ба мутобиқсозии омодасозии кадрҳо бо талаботи воқеии бозор равона шуда, ба мувозинати устувори арза ва тақозо мусоидат менамояд.

10. Тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба такмили сиёсати шуғл.

Дар натиҷаи таҳқиқ, маҷмуи тавсияҳои методӣ пешниҳод шудааст, ки ба диверсификатсияи иқтисод, беҳтарсозии муҳити корӣ, тақвияти заминаи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ нигаронида шудаанд. Ин тавсияҳо метавонанд ҳамчун асоси сиёсати давлатии шуғл ва муҳоҷират истифода шаванд.

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва пешниҳодот, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт ва рӯйхати нашрияҳои муаллиф иборат аст. Матни асосии диссертатсия дар 418 саҳифаи чопӣ баён гардидааст. Дар диссертатсия 32 ҷадвал, 18 расм ва 8 диаграмма ҷой дода шудаанд.

Дар муқаддима мубрамият ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъ асоснок гардида, мақсад, вазифаҳо, объекти таҳқиқ, мавзуи таҳқиқ, фарзияи илмӣ, заминаҳои назариявию методологӣ, сарчашмаҳои иттилоотӣ ва аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳо шарҳ дода шудаанд. Муаллиф зарурати илмӣ ва амалӣ доштани масъалаи таҳқиқро бо такя ба шароити кунунии бозори меҳнат ва равандҳои муҳоҷират, инчунин бо ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок менамояд.

Боби якум – «Асосҳои назариявии таҳқиқи танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити муосир» дорои аҳаммияти калидӣ мебошад. Дар он мафҳумҳои асосӣ ва консепсияҳои гуногуни илмӣ роҷеъ ба бозори меҳнат баррасӣ шудаанд. Муаллиф бо такя ба назарияҳои классикӣ, кейнсианӣ, неоклассикӣ, институтсионалӣ ва монетаристӣ равишҳои асосии таҳлили бозори меҳнатро таҳлил намуда, нишон додааст, ки ҳар яке аз онҳо дар марҳалаҳои гуногуни рушди иқтисодӣ нақши муайян доштаанд. Ҷанбаҳои методологии омӯзиши бозори меҳнат ва роҳҳои таҳқиқи самаранокии сиёсати давлатӣ низ ба таври муфассал таҳлил гардидаанд. Ин боб, аз як тараф, заминаи назариявиро барои таҳлили минбаъда фароҳам меорад, аз ҷониби дигар, ба муаллиф имкон медиҳад, ки мафҳуми нави танзими давлатии бозори меҳнатро бо назардошти хусусиятҳои иқтисоди миллии Тоҷикистон пешниҳод намояд (саҳ.18-90).

Боби дуюм – «Мониторинги вазъи муосири танзими давлатии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба таҳлили амиқи вазъи кунунии бозори меҳнат ва зарурати танзими он бахшида шудааст. Дар асоси маълумоти омории расмӣ нишон дода мешавад, ки бозори меҳнати Тоҷикистон дорои як қатор мушкилот мебошад: сатҳи баланди муҳоҷират, афзоиши бекорӣ, афзоиши бахши ғайрирасмии шуғл ва номувофиқати байни арза ва тақозо барои қувваи корӣ. Муаллиф омилҳои асосии норасоии бозорро муайян карда, нишон медиҳад, ки рушди босуботи иқтисоди миллӣ бе танзими муассири давлатии бозори меҳнат ғайриимкон аст. Дар баробари таҳлили вазъи дохилӣ, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ низ омӯхта шуда, имконияти истифодаи унсурҳои он дар шароити Тоҷикистон асоснок мегардад ( саҳ. 91-178).

Боби сеюм – «Алоқамандии муҳоҷирати меҳнатӣ ва бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» баҳси муҳимтаринро матраҳ манамояд. Дар он равобити мутақобилаи муҳоҷират ва бозори меҳнат шарҳ дода шуда, таъсири муҳоҷират ба сатҳи шуғл, даромад ва сохтори бозор асоснок карда мешавад. Муаллиф омилҳои коҳишёбии равандҳои муҳоҷиратро таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки муҳоҷират дорои ду паҳлӯи таъсир аст: аз як тараф, он боиси кам шудани фишор ба бозори меҳнат мегардад, аз ҷониби дигар, боиси аз даст рафтани қувваи меҳнатии соҳибихтисос мешавад. Инчунин, механизмҳои дахолати давлатӣ ба идоракунии равандҳои муҳоҷират баррасӣ шудаанд, ки онҳо метавонанд ба таъмини мувозинати устувор дар бозори меҳнат мусоидат кунанд (саҳ. 179-276).

Боби чорум – «Воситаҳои муосири танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити муҳоҷират, ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ» ба таҳқиқи таъсири омилҳои нав бахшида шудааст. Муаллиф таъсири ҷаҳонишавиро ба бозори

меҳнат ва равандҳои муҳоҷират таҳлил намуда, аҳамияти рақамикунониро барои рушди бозори меҳнат асоснок кардааст. Истифодаи технологияҳои рақамӣ ва шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ ҳамчун воситаҳои муассири танзим пешниҳод шудаанд. Муаллиф бо далелҳо нишон медиҳад, ки рақамикунонӣ метавонад имкониятҳои нави шуғл фароҳам оварад, инчунин ба коҳиши шиддат дар бозори меҳнат мусоидат намояд (саҳ. 277-302).

Боби панҷум – «Самтҳои такмилдиҳии танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити коҳишёбии равандҳои муҳоҷират» дорои хусусияти амалии баланд мебошад. Дар он модел ва механизмҳои муосири идоракунии бозори меҳнат таҳия ва асоснок шудаанд. Аз ҷумла, модели ягонаи таъмини ҳолати мувозинатӣ байни бозори меҳнат ва бозори таҳсилот пешниҳод шудааст, ки ба мутобиқсозии системаи тайёр кардани кадрҳо бо талаботи воқеии иқтисод равона гардидааст. Инчунин, роҳҳои такмили сиёсати давлатӣ оид ба шуғл, механизмҳои баланд бардоштани сифати қувваи корӣ ва васеъ кардани имкониятҳои шуғли фарогир пешниҳод шудаанд (саҳ. 303-359).

Дар хулоса ва пешниҳодот натиҷаҳои асосии илмӣ ҷамъбаст гардида, самтҳои афзалиятноки такмили танзими бозори меҳнат бо дарназардошти равандҳои муҳоҷират ва талаботи иқтисоди миллӣ тавсия шудаанд.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.***

Хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф дар диссертатсия дорои дараҷаи баланди асоснокӣ мебошанд. Онҳо бо такя ба таҳлили амиқи назариявӣ, муқоисаи мактабҳои гуногуни илмӣ ва коркарди мукаммали заминаҳои методологӣ таҳия шудаанд. Истифодаи васеи маълумотҳои омории расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Бонки миллӣ ва дигар сарчашмаҳои муътамад эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин менамояд.

Дар диссертатсия аз усулҳои гуногуни таҳқиқ – таҳлили иқтисодӣ-оморӣ, моделсозӣ, усулҳои муқоисавии байналмилалӣ ва таҳлили система истифода гардидааст, ки имконият медиҳад хулосаҳои илмӣ аз ҷиҳати мантиқӣ бо натиҷаҳои таҳлил мувофиқат дошта бошанд. Муаллиф тавонистааст, ки на танҳо тамоюлҳои умумиро нишон диҳад, балки омилҳои дохилӣ ва берунӣ, зиддиятҳо ва номувофиқатҳоро низ ошкор намояд.

Эътимоднокии хулосаҳо инчунин бо он тасдиқ мегардад, ки қисми муҳими онҳо дар фаъолияти вазорату идораҳои дахлдор мавриди татбиқ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, тавсияҳои диссертант дар фаъолияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Хадамоти муҳоҷират ва Агентии меҳнат

ва шуғли аҳолӣ истифода шудаанд, ки санадҳои расмии татбиқ инро собит менамоянд. Истифодаи натиҷаҳои илмӣ дар раванди таълим дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон низ далели дигари эътимоднокии онҳо мебошад.

Муаллиф тавонистааст тавсияҳои мушаххас ва амалӣ пешниҳод намояд, ки ба такмили сиёсати давлатии шуғл, беҳтарсозии идоракунии муҳоҷират, ҳамоҳангсозии бозори меҳнат ва бозори таҳсилот, инчунин густариши имкониятҳои шуғли фарогир равона шудаанд. Ҳар як тавсия ба мушкилоти воқеии бозори меҳнат иртибот дошта, самаранокии амалӣ ва иқтисодии худро исбот мекунад.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия ироашуда бо натиҷаҳои таҳлили назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок гардида, аз ҷиҳати илмӣ эътимоднок мебошанд ва дорои аҳамияти назариявию амалӣ мебошанд.

***Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.***

***Аҳаммияти илмӣ.*** Натиҷаҳои илмии диссертатсия ба такмили назария ва методологияи таҳқиқи бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират саҳми арзанда мегузоранд. Муаллиф мафҳуми муосири танзими давлатии бозори меҳнатро пешниҳод карда, модел ва равишҳои навро барои ҳамоҳангсозии бозори меҳнат ва бозори таҳсилот асоснок намудааст. Ин таҳқиқот имконият медиҳад, ки дар илми иқтисодиёт масъалаҳои идоракунии бозори меҳнат дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ бо паҳлуҳои нав дарк ва таҳлил шаванд. Ба ғайр аз ин, натиҷаҳои назариявии таҳқиқот метавонанд ҳамчун замина барои пажуҳишҳои минбаъдаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ хизмат намоянд.

***Аҳаммияти амалӣ.*** Диссертатсия дорои аҳаммияти амалӣ ва татбиқшавӣ мебошад. Тавсияҳои муаллиф оид ба расмӣ гардонидани бозори ғайрирасмии меҳнат, рушди шуғли фарогир, такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳоҷират ва диверсификатсияи имкониятҳои шуғл метавонанд дар фаъолияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Хадамоти муҳоҷират, инчунин мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар барномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ татбиқшаванда мебошанд. Илова бар ин, онҳо аллакай дар фаъолияти таълимӣ ва тадқиқотии муассисаҳои олӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

***Аҳаммияти иқтисодӣ.*** Натиҷаҳои таҳқиқот барои рушди устувори иқтисоди миллӣ ва беҳтарсозии бозори меҳнат дорои аҳаммияти бузург мебошанд. Татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда метавонад ба коҳиш ёфтани

сатҳи бекорӣ, баланд гардидани самаранокии шуғл ва афзоиши маҳсулнокии меҳнат мусоидат намояд. Инчунин, натиҷаҳо имкон медиҳанд, ки вобастагии иқтисоди миллӣ аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирон тадриҷан коҳиш ёфта, имкониятҳои дохилӣ барои шуғл ва афзоиши даромад фаъол гарданд. Ба ин васила, тавсияҳо барои диверсификатсияи сохтори иқтисодиёт ва тақвияти асосҳои рушди дарозмуддат хидмат мекунанд.

***Аҳаммияти иҷтимоӣ.*** Натиҷаҳои диссертатсия таъсири иҷтимоии назаррас доранд. Онҳо ба беҳбуди сифати зиндагии аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғли пурмаҳсул ва расмӣ, кам кардани сатҳи муҳоҷирати маҷбурӣ ва муҳоҷирати бидуни ихтисос мусоидат менамоянд. Татбиқи онҳо инчунин ба устуворшавии оилаҳо, беҳтар гардидани амнияти иҷтимоӣ ва таъмини зиндагии шоистаи шаҳрвандон мусоидат мекунад. Илова бар ин, аҳаммияти иҷтимоӣ дар таҳкими суботи ҷомеа, коҳиши шиддати иҷтимоӣ ва болоравии сатҳи некӯаҳволӣ ифода меёбад.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки натиҷаҳои илмии диссертатсия дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии баланд буда, инчунин паёмадҳои иқтисодию иҷтимоии муҳимро дар бар мегиранд ва метавонанд ҳамчун асоси илмӣ ва амалии такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи бозори меҳнат ва муҳоҷират истифода шаванд.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.***

Диссертатсияи Одинзода Комрон Саидаброр аз рӯйи мазмун ва шакли барасмиятдарорӣ пурра ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд. Сохтор ва таркиби кори илмӣ мувофиқ ба қоидаҳои расмӣ буда, аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва пешниҳодот, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати васеи адабиёти истифодашуда ва рӯйхати нашрияҳои муаллиф иборат мебошад.

Ҳаҷми умумии кори диссертатсионӣ 418 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад, ки ба меъёрҳои муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад. Дар матни асосӣ 32 ҷадвал, 18 расм ва 8 диаграмма ҷой дода шудаанд, ки мазмун ва муҳтавои таҳқиқро равшантар намуда, ба эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ мусоидат мекунанд. Рӯйхати адабиёти истифодашуда фарогир буда, аз сарчашмаҳои муосири илмии дохилӣ ва хориҷӣ иборат аст ва ба меъёрҳои муқарраргардидаи КОА мутобиқат мекунад.

Муаллиф тавонистааст масъалаҳои калидии илмиро тибқи бандҳои 32, 33, 34, 35 ва 37 «Тартиби додани дараҷаи илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ифода намояд. Дар кори диссертатсионӣ тамоми унсурҳои ҳатмии корҳои илмии дараҷаи докторӣ

(мубрамияти мавзуъ, дарачаи коркарди назариявӣ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва мавзуи таҳқиқ, фарзияи илмӣ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, асоснокии натиҷаҳо, татбиқи онҳо дар амал, инчунин нашрияҳои илмӣ аз рӯйи мавзуъ) инъикос гардидаанд.

Интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия пурра ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ ҷавобгӯ буда, шумораи мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти ҶТ тавсияшуда, инчунин монографияҳо ва маводи конференсияҳо кофӣ ва қонеъкунанда мебошанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи тақризшаванда аз ҷиҳати мазмун, шакл ва барасмиятдарорӣ пурра ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

***Эрод ва тавсияҳо доир ба диссертатсия.***

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва арзиши назарраси натиҷаҳои тадқиқот, як қатор нуқсонҳо низ дар кори диссертатсионӣ мушоҳида мегарданд, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқ муҳим арзёбӣ мешавад.

1. Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки гарчанде муаллиф аз маълумоти омории миллӣ васеъ истифода бурдааст, муқоисаи муфассал бо кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон, на ҳама вақт дар сатҳи зарурӣ амалӣ шудааст. Чунин таҳлил метавонист фарқиятҳо ва муштаракоти бозорҳои меҳнатиро возеҳтар нишон диҳад.

2. Ҳамзамон, дар як қатор ҳолатҳо маълумоти омории истифодашуда то соли 2022 маҳдуд шудаанд, ҳол он ки ворид намудани маълумоти солҳои 2023–2024 имконият медод, ки динамикаи нав ва тамоюлҳои муосир боз ҳам дақиқтар арзёбӣ гарданд.

3. Масъалаи муҳоҷирати дохилӣ низ дар диссертатсия ба таври кофӣ инъикос наёфтааст. Муаллиф бештар ба муҳоҷирати берунӣ, бахусус ба Федератсияи Русия, диққат додааст, ҳол он ки равандҳои муҳоҷирати дохилӣ байни минтақаҳои Тоҷикистон низ ба бозори меҳнат таъсири ҷиддӣ доранд ва таҳлили муфассали он метавонист ба мукаммалии кори илмӣ саҳм гузорад. Мавқеи занон дар бозори меҳнат ва муҳоҷират танҳо ба таври умумӣ ишора шудааст, дар ҳоле ки ҷанбаҳои гендерӣ дар сиёсати шуғл ва муҳоҷират аҳаммияти калон доранд.

4. Гарчанде муаллиф моделҳои муайянро таҳия кардааст, як қисми онҳо бештар хусусияти тавсифӣ доранд ва ба таҳлили омории амиқ такя намекунанд. Бо истифодаи усулҳои муосири иқтисодӣ-математикӣ, аз ҷумла

моделҳои регрессионӣ, натиҷаҳо метавонистанд боз ҳам муътамадтар ва боварибахш гарданд.

5. Дар баробари ин, масъалаи сармояи инсонӣ ва мушкилоти ба истилоҳ «фирори мағзҳо» дар диссертатсия дар сатҳи маҳдуд инъикос ёфтааст. Бо дарназардошти он ки талафоти мутахассисони соҳибихтисос яке аз паёмадҳои ҷиддии муҳоҷират ба шумор меравад ва таъсири дарозмуддат ба бозори меҳнат мерасонад, таҳлили муфассал ва пешниҳодҳои мушаххас дар ин самт метавонистанд аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дошта бошанд. Ҳамчунин, арзёбии минтақавии бозори меҳнат дар диссертатсия ба таври ҷузъӣ оварда шудааст. Муаллиф асосан нишондиҳандаҳои умумиҷумҳуриявиро таҳлил кардааст, дар ҳоле ки фаркиятҳои минтақавӣ (шароити Хатлон, Суғд, ВМКБ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) дорои аҳаммияти калидӣ мебошанд ва таҳлили онҳо имкон медод тасвири бозори меҳнат мукаммалтар шавад.

6. Ниҳоят, бояд қайд кард, ки дар рӯйхати адабиёт манбаъҳои хориҷии солҳои охир (2022–2024), бахусус таҳқиқоти созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили Созмони байналмилалии меҳнат, Бонки Ҷаҳонӣ ва ПРООН камтар истифода шудаанд. Ворид намудани чунин сарчашмаҳо метавонист муҳтавои назариявию муқоисавиро боз ҳам пурқувваттар гардонад.

Бо вуҷуди ин, ҳамаи нуқсонҳои зикршуда ба мазмун ва арзиши умумии кори илмӣ таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва метавонанд ҳамчун самтҳои такмили минбаъдаи таҳқиқот арзёбӣ гарданд.

## Хулосаи умумӣ

Диссертатсияи Одинзода Комрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия» ба масъалаи дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ бахшида шудааст. Дар кори илмӣ масъалаҳои мубрами рушди бозори меҳнат ва муҳоҷират дар шароити муосир мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифта, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф бо такя ба заминаҳои назариявию методологӣ ва таҳлили оморӣ асоснок шудаанд. Навгониҳои илмӣ, ки дар диссертатсия ироа шудаанд, ба такмили назарияи иктисодиёт ва беҳтарсозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи бозори меҳнат саҳми арзанда мегузоранд.

Аз ҷиҳати сохтор ва мазмун, диссертатсия ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дорои дараҷаи кофии асоснокӣ ва эътимоднокӣ буда, аҳаммияти назариявӣ, амалӣ, иктисодӣ ва иҷтимоии онҳо равшан аст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти вазоратҳу идораҳои дахлдор,

инчунин дар барномаҳои таълимӣ ва тадқиқотии муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода шаванд.

Бо дарназардошти мубрамият, сатҳи баланди коркарди назариявӣ, асоснокии хулосаҳо, аҳаммияти илмӣ ва амалӣ, инчунин татбиқи натиҷаҳои тадқиқот дар амал, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи мазкур пурра ба талаботи муқарраргардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ) мебошад.

**Муқарризми расмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**Вакили Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ғоибназарзода С.М.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 42. Телефон +992 988 20 45 45,
Почтаи электронӣ: ssssaidi1985@mail.ru

**Имзои С.М. Ғоибназарзодаро тасдиқ мекунам:**

**Сардори Шуъбаи кадрҳо ва**
**корғузории махсуси Дастгоҳи**
**Маҷлиси намояндагонии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Сафарзода Ф.С.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС — ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

02.09.2025

**Суроғаи муассиса:** 734051, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42. Телефон: +992 (372) 221-33-07.
Почтаи электронӣ: info@parlament.tj